# Баргузории мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи байналмилалии оила дар мавзуи «Солимии оила - асоси пойдории давлат ва ҷомеа»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 15 Май, 2024 - 13:02

Рӯзи 15-уми майи соли 2024 дар толори Кумитаи забон ва истилоњоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷиҳати иҷрои супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии оила мизи мудаввар дар мавзуи «Солимии оила - асоси пойдории давлат ва ҷомеа» баргузор гардид.

Чорабинии илмӣ бо садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуд.
Раиси Кумита О. Муҳаммадҷонзода чорабиниро ифтитоҳ ва ҳозиринро хайрамақдам гуфта, њамагонро бо таҷлили Рӯзи байналмилалии оила табрик намуда, ҳамзамон, зикр намуд, ки оила сохтори қадимтарине дар дунёст ва нақши муҳимме дар ҷомеаи инсонӣ мебозад. Ҳаёт бо исрор тақозо менамояд, ки мо бояд барои пешгирӣ намудани ҳодисаҳои ноҷатлуб фарзандонро дар мактаби оила, ба ҳаёти мустақилона омода намоем.
Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оиларо ҳамчун узви асосии ҷомеа муайян намуда, дар баробари он дар кишвар санадҳои зиёди меъёрию ҳуқуқии вобаста ба оила фаъолият мекунанд, ки ба рушд ва таҳкими он, пешгирии зуроварӣ дар оила ва ҳифзи ҳуқуқҳои аъзои оила равона гардидаанд.
Дар суханрониҳо аъзои Ҳайати мушовара, роҳбарият ва кормандони Кумита масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон, оила ва фарҳанги оиладорӣ, содиршавии ҷиноятҳои вазнин дар заминаи муноқишаву ҷанҷолҳои оилавӣ, тарбияи дурусти ҷавонону ноболиғон, фарҳанг ва маърифати оиладорӣ, оила сарчашмаи хушбахтӣ, бекоршавии ақди никоҳ ва роҳҳои пешгирии он, рукнҳои пойдории оила, оилаи солим - ҷомеаи солим зикр гардиданд.
Дар анҷом, вобаста ба мавзуи матраҳгардида, баҳсу музокираҳо сурат гирифт. Ҳамоиш дар руҳияи самимият, ҳусни тафоҳум ва муколамаи созанда доир гардид.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 4

Баҳои миёна: 4 (4 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [1]

http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/%D0%A0%D3%AF%D0%B7%D0%B8%20%D0%9E%D0%98%D0%9B%D0%90.pdf

---

**Манбаъ::**http://kumitaizabon.tj/tg/content/barguzorii-mizi-mudavvar-bahshida-ba-ruzi-baynalmilalii-oila-dar-mavzui-solimii-oila-asosi?page=398&qt-quicktabs=1

**Пайвандҳо**
[1] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7